*УДК 94 (100-87)*
*DOI 10.24412/2413-2004-2023-2-12-18*

***АЗ ТАЪРИХИ ИДИ ГУЛҲО ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ (ИБТИДОИ АСРИ XX)***

***Исомитдинов Жорабек Бобобекович,***
*н.и. таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров"( Хуҷанд, Тоҷикистон)*

***ИЗ ИСТОРИИ ПРАЗДНИКА ЦВЕТОВ В СЕВЕРНОМ ТАДЖИКИСТАНЕ (НАЧАЛО XX века)***

***Исамитдинов Жорабек Бобобекович,***
*канд.истор.наук, доцент кафедры истории таджикского народа ГОУ "ХГУ имени акад.Б.Гафурова" (Худжанд, Таджикистан)*

***ABOUT THE HISTORY OF FLOWERS' FESTIVAL IN THE NORTHERN TAJIKISTAN (BEGINNING OF XX CENTURY)***

***Isamitdinov Jorabek Bobobekovich,*** *candidate of history sciences, associate professor of the history of Tajik nation department SEI "KhSU named after academician B. Gafurov" (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail:*** *isomatdinov1961@mail.ru*

*Дар асоси маводи этнографӣ ва таҳлили адабиёти илмӣ баъзе ҷанбаҳои ташкил ва баргузории иди гулҳо дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Шимолӣ дар ибтидои асри XX мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Сараввал моҳияти маросими гулгардонии "бойчечакхонӣ", ки кӯдакону наврасон қабл аз огози ҷашни Наврӯз барпо мекарданд, кушода дода шудааст. Сипас дар бораи баргузории иди гулҳо –""Сайри гули лола"-и мардуми Исфара, "Сайри гули сурх" дар дигар минтақаҳои тоҷикнишин, ташкили чорабиниҳои идона бахшида ба об ва гулҳо – "Сайри Шайхон" дар деҳаи Овчиқалъачаи ноҳияи Бобоҷон Гафуров ва ғайра маълумот дода мешавад. Ба ифтихори иди гулҳо сайри оммавӣ бо шодиву сурури мардум баргузор мегашт. Таъкид шудааст, ки ин идҳои мардумӣ ҳамчун парастиши бедории табиат баргузор мегардид ва пеш аз ҳама хусусияти локалӣ (маҳаллӣ, маҳдуд)-ро дошт.*

***Калидвожаҳо:*** *баҳор, гулҳо, бойчечак, гулгардонӣ, иди гулҳо, сайри гули лола, маросимҳо, парастиши гулҳо*

*На основе анализа этнографических материалов и научной литературы изучены некоторые аспекты организации и проведения праздника цветов в разных регионах Северного Таджикистана в начале XX века. В первую очередь была раскрыта суть цветочной церемонии «бойчечахани», которую проводили дети и подростки перед началом праздника Новруз. Далее приводятся сведения о проведении фестиваля тюльпанов "Сайри гули лола " жителями Исфары, праздника красного цветка в других таджикских населенных пунктах, об организации праздничных мероприятий, посвященных воде и цветам, - Сайри Шайхон в селении Овчикалача Бабаджангафуровского района и др. Отмечено, что в честь праздника цветов организовывались народные гуляния. Подчеркивается, что такие народные праздники проводились как поклонение пробуждению природы и носили прежде всего локальный (местный, ограниченный) характер.*

***Ключевые слова:*** *весна, цветы, подснежник, хождение с цветами, праздник цветов, гулянья с тюльпанами, обряды поклонения цветам*

*The article dwells on the basis of ethnographic materials, analysis of scientific literature, some aspects of the organization and holding of the Flower Festival in different regions of Northern*

*Tajikistan at the beginning of the 20th century. First of all, the essence of the "boychechakhani" flower ceremony was revealed, which was performed by children and teenagers before the Novruz holiday. The following is information about the holding of the festival of tulips "Sayri guli lola" by the inhabitants of Isfara, the Red Flower Festival in other Tajik settlements, the organization of festive events dedicated to water and flowers - Sayri Shaikhon in the village of Ovchikalacha, Babajon Gafurov district, etc. It is noted that in honor of the flower festival, folk festivals were organized. It is emphasized that such folk holidays were held as a worship of the awakening of nature and were primarily of a local (local, limited) nature.*

***Key words:*** *spring, flowers, snowdrop, walking with flowers, festival of flowers, festival of tulips, rituals of flowers' worship*

Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX айёми фасли баҳор байни тоҷикон идҳои мардумӣ вобаста ба гулҳо таҷлил мегардид. Сараввал ҳамчун қосиди баҳор "иди сияҳгӯш" ё "бойчечак" баргузор мегашт, ки дар байни мардум онро «гулгардонӣ» меномиданд. Сипас, баъди тақрибан як моҳ пас аз Наврӯз "Сайри гули лола" баргузор мегашт. Вобаста ба ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва иқлим вақти баргузории ин ид дар минтақаҳои Осиёи Миёна аз ҳам фарқ мекард. Аз рӯи маълумоти ахборотдиҳандагон ҷашни бойчечак то фарорасии Наврӯз, ҷашни гули лола бошад баъди Наврӯз барпо мегаштанд. Албатта таҷлили ин ҷашнҳо бо корҳои саҳроии кишоварзон, пеш аз ҳама, бо кишту парвариши ғалладона (гандум) вобастагӣ дошт.

Яке аз ҷашнҳои муҳимми баҳории тоҷикон иди гули баҳорӣ (дар Тоҷикистони Шимолӣ – "Бойчечак", дар Тоҷикистони ҷанубиву марказӣ - "Гули сиёҳгуш", "Гули баҳман") ба шумор меравад, ки он муждадиҳандаи Наврӯз маҳсуб мешавад. Шукуфтани гули баҳорӣ (бойчечак)- ин далели раднопазири фаро расидани баҳори деринтизор аст, ки аз қадимулайём барои тоҷикон як ҷашни бузурге будааст.

Пайдо шудани бойчечак аз оғози шудгор дарак медод, гули лола бошад ба кишти зироат вобастагӣ дошт. Дар баъзе маҳалҳо ҳангоми гулкунии ҷигда маросимҳо барпо менамуданд, зеро дар ин вақт дарави ҷаву гандум шурӯъ мешуд.

Дар маҳалҳои шимоли Тоҷикистон гули баҳорӣ - бойчечакро аз талу теппаҳо наврасон (писарбачаҳо) гурӯҳ-гурӯҳ рафта дарёфт мекарданд. Дастаи бойчечакро гирифта суруди махсуси «бойчечакхонӣ»-ро хонда, хона ба хона давр мезаданд. Дар баъзе маҳалҳо бойчечакро ба нӯги ходача мебастанд. Ин анъанаро дар байни мардум истилоҳи мухталиф ба забон мегиранд. Маросим мазкур дар Помир – "Гулгардонӣ", дар вилояти Суғди Тоҷикистон – "Бойчечакхонӣ", дар ҷануби Тоҷикистон – "Гули сиёҳгӯш", дар Бухоро – "Булбулхонӣ" меномиданд.

Соҳибхоназанон аз дасти кӯдакону наврасон гулҳои баҳориро гирифта, ба чашмонашон мегузоранд, ба абрувонашон мемоланд ва Худоро шукр мегӯянд, ки то баҳори нав зинда монданд. Баъзан қироати сураву ояти Қуръонро анҷом дода, дуо мекарданд, то ки Худованд вазнинииҳоро дафъ намуда, дар кору зиндагиашон сабукӣ оварад. Шукуфтани бойчечак ба кишоварзон аз бедоршавии табиат, фарорасии корҳои саҳроӣ дарак медод.

Бо вуҷуди номҳои гуногун доштанаш, кӯдакон ин идро як хел ҷашн мегиранд. Ҳама шириниҳо, меваҳои ҳадяшударо байни худ баробар тақсим мекунанд. Дар баъзе ҷойҳо дастархони идона ташкил мекунанд. Оши палови махсус тайёр мекунанд, ки онро «Оши бойчечак» меноманд. Лола ва бойчечак рамзи зебоӣ ва муҳаббат мебошад. Одатан тавассути ин идҳо одамон меҳрубонӣ, эътиқод ба ҷовидонии зиндагӣ ва миннатдории худро ба табиат изҳор мекунанд.

Мардумшинос О.А. Сухарева[12,с.31-32] таъкид кардааст, ки тоҷикон «бойчечакхонӣ»-ро ҷашни даъват кардани баҳор меномиданд. Ҷавонон бо гули бойчечак худро низ оро медоданд, Гулро ба болои гӯшашон овезон мекарданд, сурудҳо дар васфи баҳор мехонданд, омадани аввалин турнаҳоро (турнаҳо бо худ гармиву баҳорро меоварад) васф мекарданд. Бозиҳои шӯхиомӯз гузаронида мешуд. Яке аз амалҳои даъвати баҳор - пухтани таоми урфии сумалак ба шумор мерафт. Маҳз дар давраи ҷашни бойчечак гандумро барои ин намуди таом омода мекарданд. Азбаски омода намудани ин намуди таом вақти зиёдро мегирифт, онро занони маҳалла, хешу таборон дастаҷамъона тайёр менамуданд. Истеъмоли ин таом низ дастачамъона сурат мегирифт. Умуман маросими бойчечакхониву сумалакпазӣ бахри ба даст овардани ҳосили фаровон ва дафъи ҳамаи намуди бадиҳо равона карда шуда буд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки мақсади иштирокдорони нахустин маросимҳои ҷашнии баҳорӣ – хайру саховат, фаровонии хӯрокҳо, бо гули ба хода басташуда ба офтоб мурочиат кардан ин бедор намудани табиат, наздикшавӣ ба фасли гармо махсуб меёфт.

Яке аз маросимҳои сайру гашти оммавӣ дар байни тоҷикон - «Сайри гули лола» ё «Сайри гули сурх» унвон дошт ва он дар замони пешазинқилобӣ (инқилоби Октябри соли 1917) дар баъзе маҳалҳо мутантан баргузор мегашт. Ҳар баҳор тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Миёна вобаста ба пайдо шудани ин ё он гули алоҳида ҷашн мероростанд. Дар Нурато, Панҷакент, Истаравшан “сайри гули сурх” ҷашн гирифта мешуд; дар Самарқанд – “сайри гули биҳӣ” таҷлил мегашт; дар водии Фарғона, махсусан дар Исфара “иди лола”, “сайри гули лола” бо шукуҳи хоса баргузор мегашт. Дар Бухоро, чӣ тавре ки таъкид гашт, ин идро “гулгардонӣ – булбулхон” мегуфтанд. Гулгардонӣ (ё гулгардак) хеле мутантан бо ташкил намудани сайру гашти гулҳо баропо карда мешуд [5; 14,с.107-108].

Мардумшинос Е.М. Пещерева соли 1927 мақолаеро таҳти унвони «Ҷашни лола дар деҳаи Исфараи уезди Қӯқанд»[7,с.373-384] (мақола соли 1963 аз ҷониби муаллиф бо иловаҳо аз нав чоп шудааст)[6,с.214-218] аз нашр баровард. Дар мақолаи мазкур ҷашни баҳории гули лола тавсиф шудааст, ки ин ҷашн ҳангоми шукуфтани лола тақрибан 10-20 апрел баргузор мегардид. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чунин ҷашнвора дар деҳаҳои атрофии Исфара ва Конибодом баргузор мегаштанд.

Барои баргузории ҷашн лолаи кӯҳиро истифода мебурданд. Аслан ду намуди асосии лола: лолаи кӯҳӣ ва лолахасак (дар баъзе маҳалҳо онро –лола қизғалдоқ, лола қизак, лолақазоқ, лолаи духтарӣ меномиданд) вуҷуд доштанд [2,с.87-91].

Иди гули лола се рӯз идома меёфт. Дар рӯзи аввал ҷавонон бо мақсади ҷамъоварии лолаҳо ба дашту даман, кӯҳсор сафарбар мегаштанд. Дар рӯзи дуюм – мардҳо ба ҷойҳои пешакӣ муқаррашуда, ба боғҳо, ки Исфараро иҳота карда буданд, сарҷамъ мешуданд. Дар ин маҳал чорабинии асосии ҷашн баргузор мегашт. Мардҳо якчанд шохҳои калон дарахти сафедорро, ки аз баргҳо ва шохчаҳои майда тоза карда шудааст, омода мекарданд. Сипас ба шохҳои дарахт лолаҳои аз ҷониби ҷавонон ҷамъоваришударо мебастанд. Шохҳои ин дарахт ба гулдастаҳои сурхи бузург мубаддал мегаштанд. Баъди анҷоми гулбандӣ ин дарахтонро бо хондани суруду мусиқинавозӣ ба ҷойи махсус (қитъаи замини махсус омодашуда) мебурданд, ки дар он ҷо чуқурии начандон калон кофта шуда, дар атрофи он қолину намадҳо густурда мешуданд. Дарахтонро дар чуқурӣ (аз ҳама бузургашро дар марказ ва хурдтарашро дар канори он) насб мекарданд. Дар ҷараёни ин амалҳо мунтазам мушакпарронӣ сурат мегирифт, дар байни дарахтҳо «бачча»- навраси либоси занона пӯшида рақс мекард. Шабона бо машъалафрӯзӣ мардуми ҷамъшуда бо намоиши кӯчагӣ сурудхонон ба дохили деҳа (шаҳраки Исфара) бармегарданд. Дарахтонро ба чорсӯ (дар

мобайни бозор, чор кунҷи он) насб мекунанд. Рӯзи сеюм зиёрати мазорҳо - аз ҷониби мардҳо дар мазори Хоҷа Абдуллоҳи Кабутпӯш, аз тарафи занон бошанд дар мазори Хоҷа-Абдуллои-сурхӣ анҷом дода мешуд [6, с.218]. Мардҳо дар мазор зиёфати ҳарифона густурда, тамоми рӯз масруфи суруд ва рақсу бозӣ намуда, шабона дер машъалбадаст ба хонаҳояшон бармегарданд. Занҳо дар мазор зиёфату қурбониро ташкил менамуданд, сипас дар наҳр оббозӣ мекарданд [7,с. 376-377].

Е.М. Пещерева тахмин мекунад, ки мабдаи ин ҷашнро аз устураҳои худоҳои миранда ва азнав зиндашавандаи табиат гирифтан мумкин аст. Аз атрофии деҳот ҷамъоварӣ намудани лолаҳо маънои кофтукови ҷасади худоҳо, бастани лолаҳо ба шохҳои дарахт ва бо онҳо ороиш додани дарахтон бошад васлшавии қисматҳои бадани худоҳо ва зиндашавии онҳоро ифода мекард [6,с.214].

Баъзе паҳлуҳои баргузории иди гули лоларо дар Исфара Лутфулло Бузургзода низ тадқиқ кардааст [3,с.27-33].

Алҳол дар деҳаҳои Воруху Чоркӯҳи Исфара маросими ҷамъкунии лола бошукӯҳу шаҳомат баргузор мешавад. Масалан, кӯдакон лолаи ёфтаашонро канда, ба нӯки чӯб ва ё навда мустаҳкам карда мебанданд ва онро албонҷ дода меоранд. Суруду маросимҳои махсуси идона ҳам дорад. Бо як ифода гули лола ва ё гули сурх нишонаи фараҳу комронӣ ва зиндагии нав аст.

Садриддин Айнӣ дар бораи «Сайри гули сурх»-и Бухоро малумот додааст. Ин ҷашн асосан дар мазори Хоҷа Баховаддини Нақшбанд, ки дар шафати шарқи Бухоро ҷойгир буд, барпо мегашт. Дар ин мавзеъ мардҳо рузҳои ҷумъа сарҷам шуда ҷашн баргузор менамуданд. Ҷойи баргузории ҷашни занон бошад мавзеи чашмаи Аюб ба шумор мерафт.

Чӣ тавре ки О. А. Сухарева таъкид мекунад, «иди гули лола» дар гузашта васеъ паҳн гашта буд. Ӯ бо ноҳияи Исфара иктифо накарда қайд кардааст, ки топонимикаи Лолазор дар бисёр маҳалҳо вомехурад. Масалан, бо чунин ном маҳалла дар канори Самарқанд вуҷуд доштааст. Истилоҳи «лолазор»-ро О. А. Сухарева дар маҳалҳои алоҳида ба маънои «сайри бонувон ё ҷавонон» низ шунидааст. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин маросим аз лиҳози генетикӣ аз давраҳои қадим ҳамчун парастиши бедории табиат баргузор мегардид ва пеш аз ҳама хусусияти локалӣ (маҳаллӣ, маҳдуд) доштааст [11, с.88]. Дар адабиёти этнографӣ ин ҷашнҳоро бо худоҳои мирандаву азнав зиндашаванда вобаста мекунанд. Дар ин маврид С.П Толстов таъкид кардааст, ки образи Сиёвуш (тибқи ривоятҳо дар мавзеи қатли ӯ лолаҳои сурх сабзидаанд) ифодакунандаи расму оини аграрии худои миранда ва азнав зиндашаванда мебошад [13, с. 202—205, 318—319].

Дар ин маврид ҳаминро таъкид бояд кард, ки субъекти асосии сайри гули лола ҷавонон бо дастагули лола ба шумор мераванд. Ин ҷавононро тимсоли Сиёвуши зиндашуда маънидод кардан мумкин аст. Гули лолаи сурх бошад ифодакунандаи рамзи хуни ин қаҳрамони риёзаткашидаи устуравӣ аст. Сиёвуш тибқи ривоят дар роҳи ба сулҳу салоҳ овардани Турону Эрон ба ҳалокат расида буд, ӯро ҳамчун барандаи руҳи Митро –худои созиш ва адолат эътироф менамуданд [1, с.54-55].

Дар гузашта дар Бухоро ва шаҳрҳои калон сайри гули лола, тамошои гули сурх баргузор мегашт, ки максад аз он тамошои табиат буд. Дар шаҳри Бухоро сайри гули лола дар назди мазори Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд, дар мавзеи Ширбадан ва дар Хонақоҳи Файзобод баргузор мегашт. Дар шаҳри Самарқанд бошад, дар мавзеии Нурато, дар Исфара дар мавзеи Гули Сурх, дар Конибодом бошад, дар мавзеъҳои Хоҷа Такровут (деҳаи Маданият) ва Оққум бобо (деҳаи Равот) [15, с.116], дар Истаравшан дар баландии

Муғтеппа, дар Панҷакент бошад, дар мавзеи Қайнар ҷашни гули сурх ва ё сайри лола баргузор мегардид. Сайргоҳи мардуми Хуҷанд ва деҳаҳои атрофи он дар мавзеъҳои Бӯваҳшӣ-ато, Чилдухтарон, Чашмаи арзана ва Санги сафеди доманаи кӯҳи Мевағул ҷойгиранд. Дар ин мавзеъҳо то кунун маросими сайри гули лола баргузор мешавад [9,с.7].

Аҳолии Мазори Шарифи Афғонистон низ ба ин ҷашн аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир менамуданд. Дар рӯзномаи «Туркестанские ведомости» аз 28 апрели соли 1913 мақолаи сайёҳи рус И. Қаррухи дарҷ гаштааст, ки дар ин мақола доир ба ҷашни «Гули сурх» - Мазори Шарифи Афғонистон маълумот оварда шуда таъкид мегардад, ки мардум ҷашнро дар мазори ба ифтихори Ҳазрати Аюб бунёдшуда таҷлил менамуданд [10].

Санъатшинос Г.А Пугаченкова ба хусусияти ҷашни гулҳо баҳо дода, таъкид намудааст, ки «ин ҷашнҳо танҳо ба мардуми Осиёи Миёна хос аст ва бо расму оини қадимаи эҳёи табиат вобастагӣ дорад». Инчунин Г. А. Пугаченкова дар бораи асоси маҳаллӣ доштани ҷашнҳоро таъкид мекунад [8, с.56-57].

Г. А Пугаченкова ақидаҳои худро дар асоси омӯзиши зарфҳои биринҷӣ, кулолии Суғди ибтидои асрҳои миёна (асрҳои V-VII), ки дар онҳо тасвири занҳо бо гулхои лола сабт шудааст, маънидод кардааст [4, с.154].

Моҳият ва аҳаммияти таърихии ҷашнгирии шукуфтани гулҳо ва баъзе аз рустаниву дарахтон аз талаботи хоҷагидории кишоварзон бармеояд. Шукуфтани гулҳо аз он дарак медод, ки деҳқонон ба марҳилаи нави коркарди замин шурӯъ кунанд. Ин як нав тақвими фенологӣ буда, риояи он барои кишоварзон ҳатми буд, то ки онҳо ҳосили фаровон рӯёнанд. Хусусияти ҷашни гулҳо аз он иборат аст, ки ҳангоми сайру гашт ба ҷавонон (духтарону писарон) имконияти бо ҳам мулоқот кардан фароҳам меоянд, зеро дар ҳаёти рӯзмарра бо сабаби манъкуниҳои динӣ чунин имконият вуҷуд надошт.

Дар баъзе маҳалҳои тоҷикнишин ба парастиши об ва гулҳо аҳаммияти муҳим медоданд ва бо мақсади фаровон гаштани об айёми шукуфтани гулҳо сайри оммавӣ ташкил менамуданд. Яке аз чунин сайрҳо дар деҳаи Овчиқалъача, ки 20 км дуртар дар ҷануби Хуҷанд ҷойгир аст ҳамасола баргузор мегашт. Дар маркази деҳа дар мавзее, ки тангӣ ё оббурд меномиданд, ҷойи ба воҳа баромадани об мазори пири миробон ва кишоварзон Хоҷа Боқирғон (Хоҷа Баҳорон низ меноманд) бунёд гаштааст. Деҳкадае, ки дар ин ҷо ба вуҷуд омадааст, Шайхон ном дорад, аз ин лиҳоз сайри оммавиро «Сайри Шайхон» меномиданд [16, с.90]. Ривоят мекунанд, ки сойи Хоҷа Боқирғон ба шарофати асои мӯъҷизаофари авлиё Хоҷа Боқирғон барои обёрии воҳаи Хуҷанд ба вуҷуд омадааст.

Сайри Шайхон ҳамасола баъди ба итмом расидани кишти ғӯза, айёми шукуфтани гули буттаи дӯлона баргузор мегашт. Шукуфтани гули дӯлона барои кишоварзон маънои пурра ҳукмфармо гаштани баҳорро ифода мекард. Ин айём ба санаҳои аз 8 то 21 майро (ду ҳафтаи охири урдубиҳиштмоҳи тақвими эрониёни бостон) –ро фаро мегирифт.

Ба сайри оммави хурду бузург, мардону занони Хуҷанд ва деҳаҳои атрофии он мебаромаданд, ҳамчунин меҳмонон аз Фарғона, Қошғар ва, ҳатто, аз Хоразм ташриф меоварданд. Бинобар маълумоти куҳансоли деҳа Ҳасанбой Зоҳидов намояндагони иттиходияҳои мардон (меҳмонхона, гаштак, гап…) дар атрофии мазор хайма-шипангҳо барои истироҳат барпо менамуданд, ки теъдоди онҳо дар рӯзҳои сайр ба 1400 адад мерасид. Дар баландии махсус, ки дар соҳили рости сой ҷойгир буд ва Ӯрда ном дошт (дар рӯ ба рӯи мазор) барои хокими вилоят шипанги махсус бунёд менамуданд. Теъдоди умумии иштирокдорони сайри оммавӣ то 10 ҳазор нафар мерасид [17].

Иштирокдорони сайр якчанд маросимҳоро иҷро менамуданд. Пеш аз ҳама дар сой ғусл мекарданд, дар назди турбати авлиё-Хоҷа Боқирғон сураҳои Қуръон тиловат мекарданд,

хоки атрофии мазорро бо дасташон мемолиданд, баъзе гурӯҳҳо гӯсфанд, буз, мурғро забҳ менамуданд (қурбонӣ мекарданд). Чорво чунин забҳ мешуд, ки ҳангоми буридани сар хуни он ба канори наҳр ҷорӣ мешуд. Зиёратчиён ба шайхҳои мазор назру ниёз ҳадя мекарданд.

Сайри оммавӣ бо шодиву сурури мардум баргузор мегашт. Ба намоиш гузоштан ва фурӯши маҳсулоти ҳунармандон у тоҷирон, барпо намудани бозиҳои халқӣ, баромади дорбозон, масхарабозон, гурзбардорон, гӯштингирон ташкил карда мешуд. Чойхонаҳои сайёр, дӯконҳои ошпазон, ширинифурушон фаъолият мебурданд Намояндагони иттиҳодияҳои мардон озмуни оши палав ташкил мекарданд. Ҷавонон рӯзона ба чидани гули лола мебаромаданд. Шабона бошад бо мушакпарронӣ машғул мешуданд. Инчунин ба осмон лӯхтаки махсуси қоғазӣ, ки "одами ёбоӣ" ном дошт бо ҳамроҳии фонус сар медоданд [16, с.92].

Тамоми маросимҳои анҷомдодашуда ба парастши об, эҳтиром ба дарёча равона мегардид, ки решаҳои ин маросим ба замони зардуштия мерасид. Мардуми Хуҷанд оби сойи Хоҷабақирғонро «нароб» меномиданд. Оби сой аз яххои баландкӯҳи қатокӯҳи Туркистон ба дарозии 117 км ҷараён дошт ва ба қавли мардум ба сангҳо бархурд намуда «пухта» ва ширин мегардид. Ба мард монанд намудани об бо ақидаи аз ҷинси марду зан маншаъ гирифтани қувваҳои табиат, рамзи серҳосилӣ вобастагӣ дорад. Оби мазор хусусияти табобатӣ низ доштааст.

Ҳамин тавр, ба ғайр аз аҳаммияти амалии иди гулҳо барои кишоварзон, ҷашнҳо аҳаммияти маънавиву фалсафиро доранд. Ин ҷашнҳо, пеш аз ҳама, бо парастиши серҳосилӣ, эътиқод ба худоҳои қадимаи миранда ва зиндашаванда, вобастагӣ дошт.

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Акбар Турсон. Древний мир одеждой новой весь облекся в эту пору // Иран-наме. Научный востоковедческий журнал. -2018. -№1 (45). - С.52-106.*
2. *Басилов В.Н. Символика суфизма и народные верования // Этнографическое обозрение.- 1994. - № 6. – С.87-91.*
3. *Бузург-заде Л. Праздник тюльпана (Лола) // Набиев В.М. Сайри гули лола. – Душанбе: Шарки озод, 2001. – С. 27-33.*
4. *Крюкова В.Ю. Тюльпаны и богини // Рахмат-наме: Сборник статей к 70-летию Рахмата Рахимовича Рахимова / Отв. ред. М.Е. Резван; РАН. МАЭ им. Петра Великого (Кунсткамера). — Санкт-Петербург: МАЭ РАН, 2008. — С. 152–183.*
5. *Новая жизнь старых календарных праздников. Часть 2. // http://www.fiesta-da.ru/ index.php? option= com_content&task =view&id =166&Itemid=132 (Дата обращения: 04.03.2020).*
6. *Пещерева Е.М. Некоторые дополнения к описанию праздника тюльпана в Ферганской долине // В сб.: Иранский сборник. К семидесятилетию профессора И. И. Зарубина. - Москва: Изд-во вост. лит., 1963. - С. 214—218.*
7. *Пещерева Е.М. Праздник тюльпана (лола) в сел. Исфара Кокандского уезда) // В.В. Бартольду туркестанские друзья, ученики и почитатели. – Ташкент, 1927. –С.373 – 384.*
8. *Пугаченкова Г.А. Некоторые изобразительные сюжеты на памятниках искусства древнего Согда // Известия Академии наук ТаджССР. Отделение общественных наук.- 1952.- №1. - С.53-64.*
9. *Раҳимов И. Нигоҳе ба таърихи сайри гули лола // Сухани халқ. - № 16 (531). 18.04.2019. - 16 с.*
10. *Рӯзи Аҳмад. "Гули сурх". Сайри адабиву асотирӣ // Ҷумҳурият.- 26.04.2018.- № 83 .*
11. *Сухарева О.А. Сузани: среднеазиатская декоративная вышивка. –Москва, 2006. –159 с.*
12. *Сухарева, О. А. Празднества цветов у равнинных таджиков (конец XIX - начало XX в.) // Древние обряды, верования и культы народов Средней Азии: историко-этнографические очерки. - Москва, 1986. - С. 31-32.*

**13.** *Толстов С. П. Древний Хорезм. -Москва, 1948. - 352 с.*
**14.** *Тульцева Л.А. Современные праздники и обряды народов СССР. – Москва: Наука, 1985. – 191 с.*
**15.** *Турсунов Б. Р. Аз таърихи Хӯҷа Такровут. – Хуҷанд, 2007. –132 с.*
**16.** *Турсунов Н.О. Народное гуляние – сайри Шайхон в Ходженте: обряды, сущность и генезис// Материалы по истории таджикского народа. – Ленинабад, 1989. – С.90-92.*
**17.** *Сӯҳбат бо Ҳасанбой Зоҳидов, истиқоматкунандаи деҳаи Овчӣ-қалъача, собиқадори меҳнат. Сентябри соли 1989.*

**REFERENCES:**

**1.** *Akbar Tursun. The Ancient World is All Dressed in New Clothes at This Time // Iran-name. Scientific Oriental Journal. -2018. -№1 (45). - PP.52-106.*
**2.** *Basilov V.N. Sufizm's Symbol and People's Belief // Ethnographic Survey.-№ 6, 1994. – PP.87-91.*
**3.** *Buzurgzade L. Festival of Tulips (Lola) // Nabiev V.M. Sayri guli Lola–Dushanbe: Sharqi Ozod, 2001. – PP. 27-33.*
**4.** *Krukova V.U. Tulips and Goddess // Rahmat-name: Collection of articles dedicated to the 70-anniversary of Rahmat Rahimovich Rahimov / responsible editor M.E. Rezvan; RAS. MAE named after the Great Peter (Kunstkamera). — Saint-Petersburg.: PAS, 2008. —PP. 152–183.*
**5.** *The New Life of the Old Calendar Holidays. Part-2. // http://www.fiesta-da.ru/ index.php? option= com_content&task =view&id =166&Itemid=132 (Date of appeal: 04.03.2020)*
**6.** *Peshereva E.M. Some Addition to the Description of Festival of Tulips in Ferghana Valley. In the collection of Iran Collector. To the 70-anniversary of Professor I.I.Zarubin. M.: Publish of oriental literature. –M., 1963. -PP. 214—218.*
**7.** *Peshereva E.M. Festival of Tulips (Lola in Isfara district of Kukand Area) // V.V.Bartold Turkistan friends, students and readers. – Tashkent, 1927. –PP.373 – 384.*
**8.** *Pugachenkova G.A. Some Picturesque on the Monuments of Art of the Ancient Sughd // Bulletin of Akademy of Sciences of SSR Tajikistan. The Chamber of Social Sciences.-№1. 1952.- PP.53-64.*
**9.** *Rahimov I. View to the History of Sayri Guli Lola // Sukhani Khalq .- № 16 (531). 18.04.2019. -16 pp.*
**10.** *Ruzi Ahmadov. " Guli Surkh". Literary-Mystical Walk // Jumhuriyat.- 26.04.2018.- №: 83 .*
**11.** *Sukhareva O.A. Suzani: Central Asian Decorative Embroidery. –M., 2006. –159 pp.*
**12.** *Sukhareva O.A. Flowers Festival of Plain Tajiks (end X1X - beginning XX cc.) // Ancient rituals, beliefs and culture of the nations of Central Asia: historico-ethnographic essay. - M., 1986. -PP. 31-32.*
**13.** *Tolstov S.P. Ancient Khorazm. -M., 1948. -352 pp.*
**14.** *Tultseva L.A. Modern Holidays and Rituals of SSSR nations. - M.: Nauka, 1985. – 191 pp.*
**15.** *Tursunova B.R. From the History of Khoja Takrovut. – Khujand, 2007. –132 pp.*
**16.** *Tursunov N.O. Popular Festival – Sayri Shaykhon in Khujand: rituals, content, genesis// Materials of the history of Tajik nations. – Leninabad, 1989. –PP.90-92.*
**17.** *Talk to Hasanboy Zohidov, the citizen of Ovchi-Kalacha village, Labour veteran. September, 1989.*